Бо Қарори Шӯрои нозирони
Хазинаи суғуртаи пасандозҳои
шахсони воқеӣ тасдиқ шудааст
Қарори № 6
“ 11 ” феврали 2015 с.

# Тартиби омода сохтани Феҳристи пасандозҳои суғурташудаи шахсони воқеӣ дар ташкилотҳои қарзӣ

## 1. Муқаррароти умумӣ

1.1 Тартиби омода сохтани Феҳристи пасандозҳои суғурташудаи шахсони воқеӣ дар ташкилоти қарзӣ (минбаъд - Тартиб) дар асоси моддаи 6 ва 14 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ” ва бо мақсади муқаррар намудани шакли ягонаи пешбурди маълумот оид ба пасандозҳои суғурташудаи шахсони воқеӣ дар ташкилотҳои қарзии узви Хазина таҳия шудааст.

1.2 Ташкилотҳои қарзии узви Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ (минбаъд-Хазина) баҳисобгирии пасандозҳои суғурташударо мутобиқи Тартиби мазкур бояд анҷом диҳанд.

1.3 Дар Тартиби мазкур аз ҷониби ташкилоти қарзӣ пеш бурдани пойгоҳи маълумот оид ба ӯҳдадориҳои ташкилоти қарзӣ дар назди пасандоздорон муайян карда шудааст.

1.4 Дар Тартиби мазкур мафҳумҳое, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ» дарҷ гардидаанд, истифода мешавад.

## 2. Ташкили Феҳристи пасандозҳои суғурташудаи шахсони воқеӣ дар ташкилоти қарзӣ

2.1 Ба ташкилоти қарзӣ зарур аст, ки барномаи автоматии баҳисобгирии пасандозҳои суғурташудаи шахсони воқеиро мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ” таҳия намуда, дар ҳолати доимо амалкунанда онро нигоҳ дорад.

2.2. Феҳристи пасандозҳои суғурташуда аз ҷониби ташкилоти қарзӣ ҳармоҳ ба санаи 1 баъди моҳи ҳисоботӣ ва ҳангоми ба вуқӯъ омадани ҳолати суғуртавӣ дар ташкилотӣ қарзӣ ҷамъбаст карда мешавад.

2.3. Маълумоти мутобиқи Тартиби мазкур таҳия гардида, пойгоҳи маълумотӣ барои пардохти ҷубронпулии суғурта ба пасандоздорон ҳангоми ба вуқӯъ омадани ҳолати суғуртавӣ дар ташкилоти қарзӣ ба ҳисоб меравад.

2.4. Феҳристи пасандозҳои суғурташудаи шахсони воқеӣ бояд дар шакли электронӣ мутобиқи ҷадвали “Маълумот оид ба феҳристи пасандозҳои суғурташудаи шахсони воқеӣ дар ташкилоти қарзӣ” (тибқи замима) таҳия карда шавад.

## 3. Тартиби пур кардани ҷадвали "Маълумот оид ба феҳристи пасандозҳои суғурташудаи шахсони воқеӣ дар ташкилоти қарзӣ"

3.1 Ҷадвали "Маълумот оид ба феҳристи пасандозҳои суғурташудаи шахсони воқеӣ дар ташкилоти қарзӣ" дар асоси маълумоти ҳаррӯзаи ҳисоботи тавозунии ташкилоти қарзӣ тартиб дода мешавад.

3.2 Дар сутуни 1 рақами тартибии пасандоздори ташкилоти қарзӣ оварда мешавад.

3.3 Дар сутуни 2 рақами суратҳисоби бонкии пасандоздор нишон дода мешавад.

3.4 Дар сутуни 3 насаб, ном ва номи падари пасандоздор нишон дода мешавад.

3.5 Дар сутуни 4 ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсияти пасандоздор, санаи додани ҳуҷҷат ва аз ҷониби кадом мақомот додани он нишон дода мешавад.

3.6 Дар сутуни 5 суроғаи истиқоматии пасандоздор нишон дода мешавад.

3.7 Дар сутуни 6 рақами шартномаи бонкӣ бо пасандоздор ва санаи бастани шартномаи мазкур оварда мешавад.

3.8 Дар сутуни 7 маблағи бақияи суратҳисоби пасандоздор нишон дода мешавад.

3.9 Дар сутуни 8 маблағи фоизи ҳисобшуда аз рӯи маблағи суратҳисоби пасандоздор нишон дода мешавад.

3.10 Дар сутуни 9 ҷамъи маблағи бақияи суратҳисоби пасандоздор ва фоизҳои аз рӯи он ҳисобшуда нишон дода мешавад.

3.11 Дар сутуни 10 андозаи ҷубронпулии пасандозҳои шахсони воқеӣ мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ" оварда мешавад.

3.12 Дар сутуни 11 бақияи маблағи пасандоздор баъди пардохти ҷубронпулии суғурта нишон дода мешавад.

3.13 Дар сутуни 12 мавқеи ҷойгиршавии саридора, филиал ва бахшҳои ташкилоти қарзие, ки дар он пасандоз ҷойгир аст, нишон дода мешавад.

## 4. Муқаррароти хотимавӣ

4.1 Ҳангоми ба амал омадани ҳолати суғуртавӣ дар ташкилоти қарзӣ Мудири махсус бояд дар муддати панҷ рӯзи пас аз ба вуқӯъ омадани ҳолати суғуртавӣ ба Хазина феҳристи пасандозҳои суғурташударо дар шакли хаттӣ ва электронӣ пешниҳод намояд.

4.2 Хазина дар асоси феҳристи пасандозҳои суғурташудаи шахсони воқеӣ, ки мутобиқи Тартиби мазкур таҳия ва пешниҳод шудааст, маблағи ҷубронпулии суғуртаро ба пасандоздорон ҳангоми ба вуқӯъ омадани ҳолати суғуртавӣ муайян менамояд.

4.3 Пардохти ҷубронпулии суғурта ба пасандоздорон мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ" амалӣ карда мешавад.

Замима ба Тартиби
омода сохтани феҳристи пасандозҳои
суғурташудаи шахсони воқеӣ дар ташкилоти қарзӣ

Маълумот оид ба феҳристи пасандозҳои суғурташудаи шахсони воқеӣ дар ташкилоти қарзии ____________________________________
ба ҳолати ________________________________
*(санаи ҳисобот)*

| № | Рақами суратҳисоби шахсии пасандоздор | Ному насаби пасандоздор | Ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсият (рақам, кай ва аз тарафи кадом мақомот дода шудааст) | Суроғаи истиқомати пасандоздор | Рақами шартномаи бонкӣ, санаи бастани шартнома | Бақияи маблағ дар суратҳисоби пасандоздор (бо сомонӣ) | Маблағи фоизҳои ҳисобшуда аз рӯи пасандоз (бо сомонӣ) | Ҷамъи маблағҳои пасандоздор (бо сомонӣ) | Маблағи ҷубронпулии суғурта ба пасандоздор (бо сомонӣ) | Бақияи маблағи пасандоздор баъди пардохти ҷубронпулии суғурта (бо сомони) | Мавқеи ҷойгиршавии саридора ва шӯъбаҳои ташкилоти қарзӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 | 11 | 12 |
| | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | |